***Ҷараёни иҷрои корҳо дар Неругоҳи барқи обии Роғун (январ-марти соли 2024)***

Гидроагрегатҳои №5 ва №6-и Неругоҳ аз ибтидо то 03.04.2024 ба миқдори **3 448 899 090 кВт*соат** нерӯи барқ тавлид намуданд.

Ба системаи энергетикии ШСХК “Барқи Тоҷик” аз аввали ба истифодадиҳӣ **7 289 637 560 кВт*соат** нерӯи барқ интиқол гардид.

Дар се моҳи соли ҷорӣ гидроагрегатҳои №5 ва №6 ба миқдори 340 474 680 кВт*соат неруи барқ истеҳсол намуданд.

Аз ҷумла, ба системаи энергетикии ҶСК “Барқи Тоҷик” дар давоми се моҳ ба миқдори 336 485 000 кВт*соат неруи барқ содирот гардидааст.



*Расми 1. Ҳолати кории гидроагрегатҳои №6 ва №5.*

**Иҷрои корҳои сохтмонии ширкати "ВИБИЛД"**
**дар моҳи январ-марти соли 2024.**

**Сохтмони сарбанд.**

Корҳои хобонидани маводи шағалзамин дар зонаи - 4 қисмати болоии таҳкурсии ядрои сарбанд то сатҳи 998м иҷро гардида, дар ҳаҷми – **85110 м3** мавод хобонида шудааст.

Хобонидани маводи шағал дар зонаи 4 ва маводи филтр дар зонаҳои 2 ва 3 қисмати поёнии таҳкурсии ядрои сарбанд дар сатҳҳои 1004м-1011м идома дошта, дар се моҳи соли ҷорӣ дар ҳаҷми – **306911м3** мавод хобонида шудааст.



*Расми 2. Сарбанди Неругоҳи Роғун.*

**Ядрои сарбанди асосӣ.**

Корҳои сементатсияи мустаҳкамкунии паҳлуи чап ва рости ядрои сарбанд то сатҳи 1080м бо сабаби идомаи корҳои тозакунии паҳлуи рости кух муваққатан қатъ гардида, аз 4255-адад чоҳҳо 551-адад парма ва сементатсия карда шуданд.

Корҳои тозакунии паҳлуи рости куҳ дар минтақаи ядрои сарбанд идома дошта, то сатҳи 1055м-1045м иҷро гардидаанд.



*Расми 3. Тозакунии паҳлуи рости куҳ дар минтақаи ядрои Сарбанд.*

**Нақби сементатсионии GG-1L**

Корҳои сементатсияи мустаҳкамкунанда дар нақби сементатсионии GG-1L бо шумораи 706 адад чоҳҳо ба анҷом расид.

Корҳои сементатсияи пардаи оббанд (цементационная завеса) дар нақби сементатсионии GG-1L идома дошта, аз 24472 метри тулонӣ мувофиқи лоиҳа, 22267,2метри тулонӣ парма ва сементатсия карда шуд.

**Нақби сементатсионии GG-1C**

Корҳои сементатсияи пардаи оббанд (цементационная завеса) дар нақби мазкур идома дошта, аз 19059 метри тулонӣ мувофиқи лоиҳа, 8364,6 метри тулонӣ парма ва сементатсия гардид.

**Нақби сементатсионии GG-1R**

Корҳои сементатсияи мустаҳкамкунанда дар нақби мазкур идома дошта, аз 408 адад чоҳҳо тибқи лоиҳа, 114адад парма ва сементатсия карда шуданд.

**Нақби сементатсионии GG-2L**

Корҳои арматурбандӣ ва бетонхобонии сақфу девор идома дошта, дар се моҳи соли ҷорӣ дар тули 60м д**ар ҳаҷми 1013м3** бетон хобонида шуд.

Корҳои арматурбандӣ ва бетонхобонии марҳилаи 2-юми қисмати каф идома дошта, дар тули 52м **дар ҳаҷми 95м3** бетон хобонида шуд.

**<u>Нақби сементатсионии GG-1R</u>**

Корҳои арматурбандӣ ва бетонхобонии сақфу девор идома дошта, дар се моҳи соли ҷорӣ дар тули 36м **дар ҳаҷми 828м3** бетон хобонида корҳои арматурбандӣ идома дорад.

Корҳои арматурбандӣ ва бетонхобонии марҳилаи 2-юми қисмати каф идома дошта, дар тули 111м дар **ҳаҷми 71м3** бетон хобонида шуд.

Корҳои арматурбандӣ ва бетонхобонии марҳилаи 1-юми қисмати каф ба анҷом расида, дар тули 12м **дар ҳаҷми 184м3** бетон хобонида шуд.

**<u>Нақби сементатсионии GG-2R</u>**

Корҳои арматурбандӣ ва бетонхобонии сақфу девор ба анҷом расида, дар дар тули 21м **дар ҳаҷми – 325м3** бетон хобонида шуд.

Корҳои арматурбандӣ ва бетонхобонии марҳилаи 2-юми қисмати каф ба анҷом расида, дар тули 63м дар **ҳаҷми 76м3 бетон** хобонида шуд.

Корҳои сементатсияи мустаҳкамкунанда дар нақби мазкур идома дошта, аз 220 адад чоҳҳо тибқи лоиҳа, 167 адад парма ва сементатсия карда шуданд.

**<u>Нақби сементатсионии GG-3R.</u>**

Корҳои нақбканӣ бетонхобонии бетони аввалияи қисмати каф тибқи лоиҳа дар тули 122,0м то ПК01+22,40 ба анҷом расида, корҳои арматурбандӣ ва бетонхобонии қисмати каф бо сабаби иваз гардидани лоиҳа муваққатан қатъ гардидааст.

**<u>Чорабиниҳои барҳамдиҳии нақбҳо.</u>**

**<u>Барҳамдиҳии нақбҳои ТМ-2, Р-4. ТИСС/Т-2</u>**

Корҳои барҳамдиҳии нақбҳо идома дошта, дар се моҳи соли ҷорӣ дар ҳаҷми **3439м3** бетон хобонида шудааст.

## Иншооти соҳили рост (ЛОТ-и 3)

### Нақби сохтмонии қабати чорум (СТ-4) ва нақбҳои дастрасии он

Ба иншооти Лоти 3 нақбҳои сохтмонии қабати чорум (СТ-4) дар сатҳи миёнаи обанбор бо нақбҳои дастрасӣ, ҳавокаш ва нақлиётӣ, нақбҳои обпартои ВТВУ-1 ва ВТВУ-2 дар сатҳи болоии обанбор, нақбҳои обпартои сатҳӣ ПТВ-1 ва ПТВ-2, таҷҳизоти гидромеханикии нақбҳои обпарто, нақбҳои сементатсионии G1R, G2R, G3R, G4R, G5R, G6R бо нақбҳои дастрасӣ ба онҳо, нақбҳои нақлиётии Т-23, Т-23А, Т-

39, Т-39А, ТТ-2, ТСА-1, роҳи мошингард аз заводи бетонии №1 то нақби Т-23, пули мошингарди “Ж” мансуб мебошад. Дар асоси қарордоди Лоти 3 корҳои лоиҳакашӣ дар иншооти мансуб ба Лоти 3 аз тарафи ширкати “AFRY”-и Ҳумҳурии Шветсария иҷро шуда, корҳои сохтмону васлгарӣ аз ҷониби пудратчии Лоти 3 ҶСК “Тоҷикгидроэлектромонтаж” идома дорад. Дар қисмати баромадгоҳи нақби сохтмонии қабати чаҳорум (СТ-4) корҳои таркишӣ ва хокбардорӣ, мустаҳкамкории канораҳои кӯҳ ва пошидани маҳлули бетонӣ, гузоштани анкерҳои АЖГ идома дорад.

Дар нақбҳои нақлиётии Т-23, корҳои нақбканӣ ва хобонидани бетони конструктивӣ иҷро шуда истодаанд.

Дар нақбҳои нақлиётии Т-39 ва Т-39А, корҳои нақбканӣ ва мустаҳкамкорӣ ба иҷро мерасанд.

Корҳои ҳаффории нақбҳои дастрасии сементатсионии AG2R, нақби сементатсионии G-1R ва G-3R соҳили рост ба анҷом расидааст.



*Расми 4. Баромадгоҳи нақбҳои сохтмонии СТ-3 ва СТ-4.*

## Иншооти соҳили чап (ЛОТ-и 4)
## Обқабулкунаки доимӣ

Корҳои хокбардорӣ ва мустаҳкамкорӣ дар (қисмати-D) обқабулкунакҳои асосӣ, аз сатҳи 1 152 то 1570 метр идома дошта,

корҳои пошидани маҳлули бетонӣ, гузоштани анкерҳои ПНА, АЖГ ва хобонидани бетони конструктивии девораҳо аз сатҳи 1150 то сатҳи 1190м (қисмати С) иҷро гардида истодаанд.

Дар иншооти камераи васлгарии турбинаҳо, сатҳи 1171м, корҳои хобонидани бетони конструктивии деворҳо ба анҷом расида, ду адад крани борбардор васлу насб ва ба кор омода карда шуд. Дар ин толор айни замон корҳои бетонхобонии қисмати каф дар мавзейи шахтаҳои обрасони агрегатҳои №5 ва №6 давом мекунад.



*Расми 5. Ҷараёни корҳо дар обқабулкунакҳои доимӣ.*

Дар шахтаҳои обрасони №2-№6 иҷрои корҳои сементатсияи мустаҳкамкунанда идома дорад. Дар шахтаи обрасони №1 корҳои кушодсозӣ ва мустаҳкамкорӣ давом мекунад. Дар қисмати горизонталии поёни нақбҳои обрасони 1-3 низ иҷрои корҳои сементансияи мустаҳкамкунанда иҷро гардида истодаанд.

**Бинои трансформаторҳо**

Корҳои сементатсияи мустаҳкамкунандаи деворхо дар ин иншоот анҷом ёфта, айни замон иҷрои корҳои пармагарии чоҳҳои санҷишӣ идома дорад. Корҳои хобонидани бетони конструктивӣ дар минтақаи

агрегатҳои 1-3-и Бинои трансформаторҳо баъди таҳияи лоиҳаҳо аз нав оғоз гардиданд.

**Толори мошинҳо**

Дар мавзеи агрегати №2 Толори мошинҳо корҳои хобонидани бетони конструктивии атрофи конус идома дошта, дар мавзеи агрегати №1 корҳои нақбканӣ, мустаҳкамкорӣ ва гузоштани анкерҳои АЖГ-и дарозиашон 20,2м иҷро гардида истодааст. Дар нақбҳои ҷаббандаи №1-2 корҳои насби оҳанфулузот ва бетонхобонӣ иҷро гардида, дар нақби ҷаббандаи №3 иҷрои корҳои микросеметатсияи оҳанфулузот идома дорад.

Корҳои нақбканӣ ва бетонхобонӣ дар нақбҳои сементатсионии G2L, G3L ва G4L соҳили чап давом мекунанд.



*Расми 6. Арматурбандии атрофи конуси агрегати №3.*

**Ҳаҷми иҷрои корҳои сохтмонӣ дар моҳҳои январ-марти соли 2024.**

| № р/т | номгуи корҳо | Воҳиди ченак | Нақша | Иҷроиш | Фарқият бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Корҳои заминӣ | $м^3$ | 944 548 | 772 469 | 82% |
| 2 | Корҳои нақбканӣ | $м^3$ | 69 216,6 | 48 621,7 | 70% |
| 3 | Корҳои бетонхобонӣ | $м^3$ | 74 128,2 | 32 507,2 | 44% |
| 4 | Корҳои бетонпошӣ | $м^2$ | 64 157,3 | 36 571,3 | 57% |
| 5 | Сементатсияи мустаҳкамкунанда | м/т | 33 792,7 | 11 355 | 34% |
| 6 | Сементатсияи пуркунанда | $м^2$ | 12 730,06 | 9 538 | 75% |
| 7 | Васли анкерҳои оҳану бетонӣ | м/т | 132 410,5 | 80 537,4 | 61% |

**Истеҳсоли маводи инертӣ, омехтаи бетон ва воридоти семент дар давоми се моҳи соли 2024.**

| Моҳҳо | Истеҳсоли омехтаи бетон ($м^3$) | Истеҳсоли маводҳои инертӣ ($м^3$) | Воридоти семент (тн) |
|---|---|---|---|
| январ | 6 358 | 18 138 | 1 447 |
| феврал | 4 688 | 12 016 | 9 689 |
| Март | 17 646 | 18 387 | 13 266 |
| **Ҳамагӣ дар давоми се моҳ** | **28 692** | **48 541** | **24 402** |

**Корҳои васлу насб ва ченкунии асбобҳои санҷишию ченкунӣ дар давоми се моҳи соли 2024**

| № т/б | Номгӯи иншоотҳо ва қитъаи корӣ | Намуди кор | Воҳиди ченак | Ҳаҳми корҳои ихрошуда дар семоҳаи аввали соли 2024 | Ҳаҳми корҳои ихрошуда аз аввали соли 2023 то инҳониб |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Бинои | Ченкунии | адад | 8066 | 36151 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | трансформаторҳо аз буришҳои 7-10<br>Коллетори агрегатҳои 1-6<br>Қубурҳои ҳаббанда А1-3 | АСЧ дар утоқи оперативии Толори мошинҳо | нишондод | | |
| 2 | Бинои таъмирии СТ-1 ва СТ-2 | Ченкунии АСЧ | адад нишондод | 596 | 2708 |
| 3 | Нақбҳои сохтмонии СТ-1, СТ-2 | Ченкунии АСЧ | адад нишондод | 8121 | 60588 |
| 4 | Нақби заҳкашӣ-сементатсионии ДЦШ-1 и 2 | Ченкунии АСЧ | адад нишондод | 930 | 3667 |
| 5 | Утоқи оперативии сатҳи 980м (Толори мошинҳо буришҳои 1-6; Бинои трансформаторҳо аз буришҳои 1-6; Турбинаҳои обқабулкуни А5-6; Камераҳои спирали А5-6; Қубурҳои ҳаббанда А4-6) | Ченкунии АСЧ | адад нишондод | 13981 | 88298 |
| 6 | Толори мошинҳо аз буриши 6-13 | Ченкунии АСЧ | адад нишондод | 6883 | 25123 |
| 7 | Камераи спиралии А4 | Ченкунии АСЧ | адад нишондод | 1065 | 5949 |
| 8 | Нақби сохтмонии СТ-3 (минтақаи дарвозаҳо); Шахтаи таъмири дарвозаҳои садамавӣ (АРЗ)-и СТ-3; Баромадгоҳи | Ченкунии АСЧ | адад нишондод | 5431 | 27042 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | накби СТ-3 | | | | |
| 9 | Бинои васлгари (Монтажная камера); Нақбҳои чараёнгузари (Токопровод) А1÷4; Такия болорҳои 4-6-и Толори мошинҳо; Нақби нақлиётии Т-8; Такиядеворҳои КРУЭ; Нақби сохтмонии СТ-4; | Ченкунии АСЧ | адад нишондод | 2898 | 25076 |
| 10 | Пармачоҳҳои пезометрии минтақаи НБО Роѓун | Ченкунии сатҳ ва ҳарорати обҳои зеризаминӣ | адад нишондод | 109 | 684 |
| 11 | Дар утоқи корӣ | Таҳлил баррасӣ намудани маълумотҳо и мониторингӣ | адад нишондод | 835409 | 1367669 |
| | **Ҳамагӣ** | | **адад нишондод** | **883489** | **1642955** |

Айни ҳол дар сохтмони НБО “Роғун” **15 869** нафар коргарон ва кормандони муҳандисиву техникӣ фаъолият доранд, ки **866** нафари онҳоро мутахассисони хориҷӣ ташкил дода, дар ду вахта ва бастҳои кории шабонарӯзӣ фаъолият мекунанд. Аз ин теъдод кормандони ширкати “Вибилд” **1 610** нафарро (хориҷӣ-**168** нафар, ватанӣ **1 442** нафар) ташкил медиҳанд. Шумораи мошину механизмҳо ба **3 562 адад** расидааст.